**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 4**

**аз 25 июни соли 2004** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010 №16 ва аз 18 ноябри соли 2013, №16 ворид карда шудаанд)***

Бинобар дар таҷрибаи судӣ пайдо гардидани масъалаҳо доир ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ё дахлнопазирии ҷинсӣ, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Ба судҳо тавзеҳ дода шавад, ки ҳангоми таҷовуз ба номус қасди гунаҳгор ҳамчун мақсади ниҳоии ҷиноят-алоқаи ҷинсӣ бо зан бархилофи хоҳишу иродаи ӯ, инчунин ҳаракатҳо барои расидан ба ин мақсад бо истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ё бо истифода аз вазъияти оҷизонаи занро дар бар мегирад.

Ҳаракатҳои шахсе, ки розигии занро барои содир кардани алоқаи ҷинсӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ноил шудааст, масалан, дидаю дониста ваъдаи бардӯруғ додан барои никоҳ, набояд ҳамчун таҷовуз ба номус фаҳмида шавад.

Таҷовуз ба номус аз лаҳзаи оғози алоқаи ҷинсӣ, новобаста аз оқибатҳои он, бояд ҷинояти тамомшуда ҳисобида шавад.

2. Таҷовуз ба номус ё сӯиқасди таҷовуз ба номус бо расонидани зарари сабук ё миёна ба саломатии ҷабрдида бояд бо қисми 1 моддаи 138 Кодекси ҷиноятӣ (минбаъд КҶ) Чумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад, вале агар зарари вазнин ба саломатӣ, ки оқибатҳои он дар моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, расонида шуда бошад, дар ин ҳолат он бо банди «г» қисми 3 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад. Дар ин маврид банду басти иловагӣ бо дигар моддаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили шахсият лозим нест, чунки истифодаи зуроварӣ ва расонидани зарар ба саломатии ҷабрдидаро диспозитсияи қонун оиди ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номус дар бар мегирад.

3. Ҳаракатҳои шахсе, ки дар ҷараёни таҷовуз ба номус қасдан одамкушӣ содир кардааст, бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳои пешбининамудаи банди «л» қисми 2 моддаи 104 ва банди «г» қисми 3 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд.

Агар қасдан одамкушӣ пас аз анҷом додани алоқаи ҷинсӣ ё сӯиқасд ба он бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷинояти содирнамуда ё ин ки бо сабабҳои қасосгирӣ барои муқобилият нишон додани ҷабрдида ҳангоми таҷовуз ба номус содир шуда бошад, ҳаракатҳои гунаҳгорро барои маҷмӯи ҷиноятҳои пешбининамудаи банди «л» қисми 2 моддаи 104 ва қисми мувофиқи моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст кардан лозим аст.

4. Таҳти мафҳуми таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ бояд на фақат таҳдидҳои рӯирост, ки нияти бетаъхир истифода намудани зуроварӣ нисбат ба худи ҷабрдида ё нисбати дигар шахси ба ӯ наздикро ифода мекарданд, балки инчунин, бо назардошти ҳолатҳои кор, чунин ҳаракатҳои таҳдидомези гунаҳгор, аз қабили, масалан намоиш додани силоҳ (таппонча, корд, поку ва ғайра), фаҳмида шавад.

Ба судҳо тавзеҳ дода шавад, ки истифодаи таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар он ҳамчун воситаи бартараф намудани муқобилияти ҷабрдида ҳангоми таҷовуз ба номус истифода шуда бошад. Дар ин маврид чунин таҳдидро диспозитсияи моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад ва банду басти иловагиро бо моддаи 120 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намекунад.

Агар таҳдиди куштор ё расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ баъди таҷовуз ба номус, масалан, бо мақсади оиди ҳодисаи рухдода ба ягон кас маълумот надодани ҷабрдида изҳор гардида бошад, ҳаракатҳои гунаҳгор, ҳангоми мавҷуд набудани нишонаҳои банду басткунанда, бояд бо қисми 1 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин иловатан бо моддаи 120 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар асосҳо барои тарсидан аз амалӣ гардидани ин таҳдид вуҷуд дошта бошанд, банду баст карда шаванд.

Таҳти мафҳуми шахси ба ҷабрдида наздик ҳам хешони наздик (падару модарон, фарзандон, додарону хоҳарони худӣ, бобою модаркалон, наберахо, ҳамсар) ва ҳам дигар шахсе, ки манфиатҳои онҳо барои ҷабрдида азиз буда вай ба тақдири онҳо манфиатдор мебошад, масалан, ҳамзист, дигар хешон, домод, ошиқ, дугонаҳои наздик фаҳмида мешавад.

5. Таҷовуз ба номус дар он ҳолат бо истифода аз вазъияти оҷизонаи зан эътироф карда мешавад, ки агар ӯ вобаста аз ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳиаш (хурдсолӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ, харобшавии фаъолияти руҳӣ, дигар ҳолати бемори ё беҳушӣ ва ғ.) хусусият ва аҳамияти ҳаракатҳои бо ӯ содиршавандаро фаҳмида наметавонист ё ба гунаҳгор муқобилият нишон дода наметавонист ва охирин алоқаи ҷинсӣ намуда, дарк менамуд, ки ҷабрдида дар чунин ҳолат қарор дорад.

Ҳангоми баҳо додан ба ҳолатҳои таҷовуз ба номуси ҷабрдидае, ки дар ҳолати мастӣ қарор дошт, судҳо бояд ҳаминро ба асос гиранд, ки вазъияти оҷизона дар ин ҳолатҳо танҳо чунин дараҷаи мадҳушӣ, ки ҷабрдидаро аз имконияти ба гунаҳгор муқобилият нишон додан маҳрум месохт, эътироф карда мешавад.

Барои таҷовузро бо истифода аз вазъияти оҷизонаи зан содиршуда эътироф намудан, аҳамият надорад, ки худи гунаҳгор занро ба чунин ҳолат овардааст (масалан, нӯшокиҳои спиртиро нӯшондааст, моддаҳои нашъаовар, доруи хоб додааст ва ғ.) ё ӯ, новобаста аз ҳаракатҳои гунаҳгор, дар вазъияти оҷизона қарор дошт.

6. Банди «а» қисми 2 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии баландтарро барои таҷовуз ба номус, ки такроран ё аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷинояти пешбининамудаи моддаи 139 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро содир намудааст, пешбинӣ менамояд, бояд новобаста аз он, ки оё гунаҳгор барои ҷинояти аввал маҳкум шудааст, оё ҷиноятҳо хотимаёфта буданд ва оё гунаҳгор иҷрокунанда ё дигар шарики ин ҷиноятҳо буд, татбиқ карда шавад.

Дар ҳолатҳое, ки зӯроварӣ нисбати ҷабрдида қатъ нашуда бошад ё дар вақти кӯтоҳмуддат қатъ шуда бошад ва агар ҳолатҳои содир кардани алоқаҳои маҷбурии ҷинсӣ дар бораи мақсади ягонаи гунаҳгор шаҳодат диҳанд, аз ҷониби ӯ дуюмбора ва баъдан содир намудани алоқаҳои ҷинсӣ ба сифати ҳолатҳое, ки барои кирдорро бо нишонаи такроран банду баст намудан мегардида бошанд, асос дониста намешаванд.

Дар мавриди содир намудани ду ва зиёда таҷовуз ба номус, ки барои онҳо ҷавобгарӣ дар қисмҳои гуногуни моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҳамчунин ҳангоми дар як ҳолат содир намудани сӯиқасди таҷовуз ба номус ё ин ки ҳамиштирокчигӣ дар ин ҷиноят, дар дигар-таҷовуз ба номуси тамомшуда бошад, ҳаракатҳои гунаҳгор доир ба ҳар кадом аз ҷиноятҳои қайдшуда бояд мустақилона банду баст карда шаванд.

7.Агар доғи судии гунаҳгор барои таҷовуз ба номуси қаблан содиркардааш мувофиқи моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо тартиби авф ё ин, ки бахшиш барҳам дода ё бардошта шуда бошад, инчунин агар дар лаҳзаи бори дуюм содир намудани таҷовуз ба номус мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё мӯҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ, ки дар моддаҳои 78, 81 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, гузашта бошад, таҷовуз такроран эътироф карда намешавад.

8. Банду басти таҷовуз ба номус чун аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки агар шахси дар таҷовуз ба номус иштироккарда нисбати ҷабрдида

муттаҳидона амал карда бошанд, зимнан чун таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳ бояд на танҳо ҳаракатҳои шахсе, ки алоқаи маҷбурии ҷинсӣ содир кардаанд, балки ҳаракатҳои шахсе, ки бо роҳи нисбати ҷабрдида истифода намудани зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ба онҳо мусоидат намудаанд, низ банду баст карда шаванд.

9. Таҷовуз ба номус аз ҷониби гурӯҳи шахсон на танҳо дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби якчанд шахс ба номуси як ё зиёда ҷабрдидаҳо таҷовуз карда мешавад, бояд эътироф карда шавад, балки дар мавриде, ки гунаҳгорон муттаҳидона ҳаракат карда, зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдидро нисбати якчанд зан истифода бурда, сипас бо ҳар кадоми онҳо алоқаи ҷинсӣ карда бошанд, низ бояд542 дониста шавад.

10.Таҷовуз бо бераҳмии махсус нисбат ба ҷабрдида ё дигар шахси ба ӯ наздик, ки дар банди «в» қисми 2 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, мумкин аст, аз ҷумла, дар содир намудани таҷовуз ба номуси ҷабрдида дар ҳузури фарзандони ӯ ё дигар хешони наздикаш, содир кардани таҳқир нисбати ҷабрдида пеш аз таҷовуз ё дар рафти таҷовуз, бо мақсади амалӣ намудани таҷовуз, муддати тӯлонӣ маҳрум кардан аз хӯрок, об ва гармӣ ва ғайра, ки гунаҳгор дарк менамуд, ки бо ин ба онҳо дарду алам мерасонад, зоҳир гардад.

11. Мувофиқи қонун таҳти мафҳуми таҷовуз ба номуси ноболиғ бояд таҷовуз ба номуси духтари баръало ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида фаҳмида шавад.

Ҳангоми татбиқи қонуни марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номуси баръало ноболиғ ё духтари баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасида, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки банду басти ин ҷиноятҳо мувофиқан бо банди «д» қисми 2 ва банди «а» қисми 3 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар он ҳолатҳое имконпазир аст, ки агар гунаҳгор бо истифодаи зуроварӣ бо ноболиғ ё бо ҷабрдидаи баръало ба сини чордаҳсолагӣ нарасида алоқаи ҷинсӣ намуданро медонист ё эҳтимолан дарк менамуд. Дар ин маврид лозим аст, ки на танҳо нишондодҳои худи судшаванда ба назар гирифта шаванд, балки бо дигар ҳолатҳои кор мувофиқат кардани онҳо низ ҷиддан санҷида шавад.

12. Ҳангоми татбиқ намудани қонуни марбут ба ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба номусе, ки дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шудааст, лозим аст ба асос гирифт, ки ҳаракати содиргардида бо нишонаи мазкур танҳо дар сурати ҷой доштани шартҳои дар моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, банду баст карда мешавад.

13. Таҳти мафҳуми таҷовуз ба номусе, ки бо истифода аз вазъи бадбахтии умумӣ содир шудаасту дар банди «г» қисми 3 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, бояд содир кардани ин ҷиноят дар вақти бадбахтии технологии хусусияти иҷтимоӣ ва табиидошта, ки ба манфиатҳои шумораи бештари аҳолӣ таъсир мерасонад, аз он ҷумла, садамаҳои калонтарине, ки вазъияти ҷамъиятию, ҳолати ҳарбиро ноустувор месозанд, тағйиротҳои табии харобиовар, ки бо заминҷунбиҳои калон, обхезиҳо ва дигар ҳолатҳои фавқуллода алоқамандандy дар қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, фаҳмида шавад.

14. Оқибатҳои вазнин, ки барои бо банди «г» қисми 3 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намудани кирдори гунаҳгор асос дониста мешаванд, масалан, вафот ё худкушӣ кардани ҷабрдида, дар натиҷаи таҷовуз ба номус ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудан, бо бемории СПИД сироят гардидани ӯ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, инчунин дар ҷараёни таҷовуз ба номус расонидани зарар ба саломатӣ, ки боиси оқибатҳои дар моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда гардидааст, шуда метавонанд.

15. Нишонаи бандубасткунандаи банди «д» қисми 3 моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон - силоҳ, ки аз тарафи субъект ҳангоми содир намудани таҷовуз ба номус истифода мешавад, мумкин аст ҳам оташфишон ва ҳам сард, ба шумули намудҳо ва воситаҳои гуногуни таъсири таркиш-норинҷак, қуттии тол, патрони динамит ва ғайра, бошад.

Предметҳое, ки ба сифати силоҳ истифода бурда мешаванд - ин ҳама гуна предметҳое мебошанд, ки бо онҳо мумкин аст ҳангоми содир намудани таҷовуз ба номус зарари вазнин ба саломатии ҷабрдида, то аз ҳаёт маҳрум сохтани ӯ, расонида мешавад. Масалан, табарҳо, досҳо, досҳои дастадароз, ҳар гуна кордҳо, болғаҳо, мурваттобакҳо, сихҳо ва қубурҳои оҳанин ва

ғайраҳо.

16. Ҳангоми ҳалли масъалаи дар кирдори гунаҳгор мавҷуд будани таҷовуз ба номус (моддаи 138 КҶ) ё алоқаи ҷинсӣ ва дигар кирдори дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст (моддаи 141 КҶ), судҳо бояд дар ҳар кадом ҳолати мушаххас муқаррар намоянд, ки оё ҷабрдида вобаста ба синну сол ва инкишофи худ хусусият ва аҳамияти кирдори нисбати ӯ содиршавандаро мефаҳмид. Агар ӯ бинобар хурдсолии худ, норасоии ақлониаш ва амсоли инҳо, хусусият ва аҳамияти ҳаракатҳои нисбати ӯ содиршавандаро фаҳмида наметавонист, ҳаракатҳои содирнамудаи гунаҳгор бояд чун таҷовуз ба номус бо истифода аз вазъияти оҷизонаи ҷабрдида фаҳмида шавад ва мувофиқан бо қисмҳои моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар таҷовуз ба номуси ноболиғ ҷой дошта бошад, алоқаҳои минбаъдаи ҷинсии бо розигии ӯ содиргардида ҷавобгарии гунаҳгорро бо моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно намекунад. Дар ин ҳолатҳо, агар ҷабрдидаи ноболиғ ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида бошад, ҳаракатҳои гунаҳгор бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаи 138 ва 141 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд.

17. Ҳангоми баррасии парвандаҳо нисбати шахси ба балоғатнарасидае, ки дар содир намудани таҷовуз ба номус ё ин ки дигар ҷиноятҳои ҷинсӣ (моддаҳои 138-142 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) айбдор карда шудаанд, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи моддаи 23 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси синни аз 14 то 16-сола танҳо барои таҷовуз ба номус бо моддаи 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дошта бо моддаи 139 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, барои дигар ҷиноятҳои ҷинсии бо қонун пешбинӣ гардида бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд.

Шахси ба синни 16-солагӣ расида мумкин аст ҳам барои таҷовуз ба номус ва барои ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ дошта ва ҳам барои дигар ҷиноятҳои ҷинсие, ки моддаҳои 140-142 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Аммо ҳангоми ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ба балоғат нарасидаанд, барои алоқаи ҷинсӣ намудан бо шахси ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида, инчунин барои кирдори бадахлоқона бо шахсе, ки баъзало ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст, аз он ҷумла, бо шахсе, ки ба синни чордаҳсолагӣ нарасидааст, бояд дар назар дошт, ки дар ҳолатҳои мазкур қонун ба ҳифзи инкишофи мӯътадили ҳарду чинс равона карда шудааст. Бинобар ин суд бояд дар ҳар кадом ҳолати мушаххас, қатъиян ба таври ҷудогона масъаларо оиди ҷавобгарӣ ва чораҳои ҷазо нисбати гунаҳгор, бо назардошти синну соли ҳарду ноболиғ, маълумотҳое, ки шахсияти онҳо, дараҷаи вазнинии оқибатҳои фарорасида ва дигар ҳолатҳои корро муайян месозанд, ҳал намояд.

18.Ҳангоми баррасии парвандаҳо оиди сӯиқасди таҷовуз ба номус бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, бояд муқаррар карда шавад, ки оё судшаванда бо мақсади анҷом додани алоқаи ҷинсӣ амал намудааст ва оё зӯроварии аз тарафи ӯ истифодашуда восита барои расидан ба ин мақсад будааст. Фақат ҳангоми мавҷуд будани ин ҳолатҳо ҳаракатҳои гунаҳгорро чун сӯиқасди таҷовуз ба номус эътироф кардан мумкин аст. Бинобар ин лозим аст, ки сӯиқасди таҷовуз ба номус аз дигар сӯиқасдҳои ҷинояткорона, ки ба шарафу номус, иффат, манзалат ва дахлнопазирии шахсияти занон иртибот доранд (кирдорҳои бадахлоқона, авбошӣ, расонидани зарар ба саломатӣ, таҳқир ва ғайра), фарқ карда шавад.

19. Мувофиқи моддаи 34 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрӣ даст кашидан аз содир намудани таҷовуз ба номус бояд на чун ҳолати сабуккунандаи ҷазо, балки чун ҳолате, ки ҷавобгариро барои ҳамин ҷиноят истисно мекунад, фаҳмида шавад. Дар ин ҳолат шахс танҳо ба ҳаракатҳои воқеан содирнамудааш, ки таркиби ҷинояти дигарро ташкил мекунанд, ҷавобгар шуда метавонад. Дар баробари ин судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки аз содир кардани ҷиноят даст кашиданеро, ки бо сабабҳои аз иродаи гунаҳгор вобастанабуда пайдо шуда, давом додани ҳаракатҳои ҷинояткоронаро имконнопазир гардонидаанд, ихтиёрӣ ва аз ин рӯ бартарафкунандаи ҷавобгарӣ эътироф намудан мумкин нест.

Дар бобати дар ҳаракатҳои шахси ба таҷовуз ба номус суиқасдкунанда вуҷуд надоштани

ихтиёрӣ даст кашидан аз содир кардани ҷиноят ба хулоса омада ва ҳаракатҳои ӯро бо моддаҳои 32, 138 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намуда истода, судҳо бояд дар ҳукм бо овардани асосҳои умумӣ дар бораи он, ки ҷиноят бо сабабҳои аз иродаи гунаҳгор вобаста набуда ба охир нарасидааст, маҳдуд нашуда, балки ӯҳдадоранд, ки сабабҳои мушаххаси оиди парванда муқарраршударо, ки дар заминаи онҳо гунаҳгор маҷбур шудааст аз то ба охир расонидани ҷиноят даст кашад, нишон диҳанд.

20. Ҳангоми ҳаллӣ масъалаи марбут ба ҳаракатҳои зӯроваронаи хусусияти шаҳвонӣ дошта, бояд қайд кард, ки моддаи 139 дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав мебошад ва ҷавобгариро барои бачабозӣ, ҷимои зан бо зан ё дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонӣ дошта, ки бо истифодаи зӯроварӣ, таҳдиди зӯроварӣ нисбати ҷабрдида ё дигар шахси ба ӯ наздик ё истифодаи вазъияти оҷизонаи ҷабрдида анҷом дода шудааст, пешбинӣ менамояд.

Ҳаракатҳои ҷинояткорона мумкин аст ҳам дар вонамуд кардани алоқаи ҷинсӣ ва ҳам дар дигар ҳаракатҳое, ки ба узвҳои ҷинсии мард ё зан ё дигар узвҳои бадан иртибот дошта, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шаҳвонӣ содир карда мешаванд, ифода ёбанд.

Бо ин модда бояд ҳаракатҳои зӯроваронаи гомосексуалӣ ҳам нисбати мард ва ҳам нисбати зан, банду баст карда шаванд. Зӯроварӣ, таҳдид ва ҳолати оҷизонаи ҷабрдидаҳо ҳамчун мавриди таҷовуз ба номус фаҳмида мешаванд.

21. Маҷбур намудани шахс ба алоқаи ҷинсӣ, бачабозӣ, ҷимои зан бо зан ё ба анҷом додани дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ бо роҳи иръоб (шантаж), таҳдиди несту нобуд, вайрон кардан ё кашида гирифтани молу мулк ё ин ки бо истифода аз тобеияти хизматӣ, молу мулкӣ ё дигар шакли вобастагии ҷабрдида, аз ҳаракатҳои дар моддаи 139 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда (ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ дошта), тафовут дошта, фарқияташон ин аст, ки дар ҳолати аввалаи мазкур зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ истифода карда намешавад.

Фишор ба ҷабрдида бо роҳи зерин амалӣ карда мешавад:

иръоб (шантаж), яъне таҳдиди хабар додани маълумотҳое, ки шахсро бадном мекунанд;

таҳдиди несту нобуд кардан, вайрон кардан ё кашида гирифтани молу мулки ҷабрдида;

истифода аз тобеияти хизматӣ, молу мулкӣ ё дигар шакли вобастагии ҷабрдида.

Вобастагии хизматӣ дар мавриди мавҷуд будани муносибатҳои сардорӣ ва зердастӣ байни гунаҳгор ва ҷабрдида, ки аз мақоми хизматӣ бармеоянд (муносибати сардору зердаст, омӯзгору талаба ва ғайра) ҷой дошта метавонад.

Вобастагии моддӣ дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки агар ҷабрдида қисман ё пурра дар таъминоти гунаҳгор қарор дошта бошад.

Дигар шакли вобастагӣ мумкин аст дар дигар намуди вобастагии ҷабрдида ба гунаҳгор, ки ба муносибатҳои хизматӣ ва вобастагии моддӣ алоқаманд нестанд, аз ҷумла, муносибатҳои байни корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷабрдида аз ҷиноят ё айбдоршаванда ва ғайра ифода ёбад.

22. Диққати махсуси мақомотҳои судӣ ба ӯҳдадориҳои онҳо доир ба қатъиян риоя намудани талаботи қонун оиди тартиби оғоз намудани парвандаи ҷиноятии марбут ба таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноятҳои ҷинсие, ки бидуни ҳолатҳои вазнинкунанда содир гардидаанд, равона карда шавад. Барои оғоз намудани чунин парвандаи ҷиноятӣ, ҳангоми мавҷуд набудани аризаи хаттии ҷабрдида, танҳо аризаи шифоҳии ӯро, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон протокол карда шудааст, чун асос истифода бурдан мумкин аст.

23. Ҳангоми таъин намудани ҷазо барои таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноятҳои ҷинсӣ судҳо талаботи қонун оиди фардикунондани ҷазоро ба асос гирифта, бояд хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои кор, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, нақш ва дараҷаи иштироки ҳар кадоми айбдор дар мавриди аз ҷониби гурӯҳи шахс содир намудани таҷовуз ба номус, ҳамчунин муноситабҳои байни ҷабрдида бо судшаванда, ки пеш аз таҷовуз ба номус вуҷуд доштанд, ба назар гирифта шаванд.

24. Раисикунанда барои ҳамаҷониба, пурра ва объективона таҳқиқ намудани ҳолатҳои кор ва муқаррар намудани ҳақиқат чораҷӯӣ намуда, бояд хусусияти ин парвандаҳоро ба инобат

гирифта ҳамаи саволҳои ба парванда муносибат надоштаро, ки шаъну шарафи ҷабрдидаро паст мекунанд, бартараф намояд ва рафтори беадабонаи иштирокчиёни алоҳидаи мурофиаро пешгирӣ намояд.

25. Ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноятҳои ҷинсӣ ба судҳо лозим аст, ки дар асоси талаботи қонун дар ҳар маврид масъалаи зарурати қисман ё пурра гузаронидани мурофиаҳои пӯшидаи судиро муҳокима намоянд ва дар ин бобат бо дарназардошти талаботи қонунгузории мурофавии ҷиноятӣ чораҳои заруриро андешанд, ки шахси аз шонздаҳсола хурдтар, ки иштирокчии мурофиа намебошанд, дар маҷлисгоҳи судӣ ҳузур надошта бошанд ва шоҳидони парванда, пас аз пурсида шуданашон аз маҷлисгоҳи судӣ бароварда шаванд (моддаҳои 273 ва 316 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**